«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон доктори илмҳои филология, Шарифзода Фарангис Худой

_____

«26» ноябри 2022 г.

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Исматов Сулаймон Бобомуродович дар мавзуи “Методҳои инноватсионии таълими алифбои ниёгон дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим” барои пешниҳоди дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълим ва тарбия (вобаста ба соҳа ва сатҳи таҳсилот), (13.00.02.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ)

Дар охири солҳои 80-уми асри гузашта дар пасманзари бозсозӣ ва ошкорбаёнӣ як навъ бедории миллии халқҳо тақрибан дар тамоми ҷумҳуриҳои пасошуравӣ сурат гирифт. Дар Тоҷикистон ҳанӯз соли 1989 Қонун дар бораи забон қабул шуда буд, ки мақоми забони давлатиро ба забони тоҷикӣ эътироф кард. Ин яке аз аввалин қонунҳо дар ин ҷода дар кишварҳои собиқ шуравӣ буд. Дар баробари ин, дар ҷомеаи Тоҷикистон як навъ ҷаҳиш ба сӯйи хоҳиши омӯзиши густурдаи алифбои ниёгон (классикӣ, арабиасос) ба амал омад.

Бо вуҷуди он ки дар замони шуравӣ алифбои ниёгонро донишҷӯёни факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) меомӯхтанд, дар факултети забонҳои Шарқ барои донишҷуёни ихтисоси «Забони форсӣ» забони форсии Эрон таълим дода мешуд ва дар бархе аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омӯзиши

забони форсӣ ба унвони забони хоричӣ ба роҳ монда шуда буд, дар маҷмуъ, ба даст овардани дониши пурра аз алифбои ниёгон барои аксарияти хоҳишмандон дастнорас боқӣ мемонд. Танҳо пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, дар ибтидои солҳои 90-ум, дар нақшаи таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омӯзиши фанни «Алифбои ниёгон» ҷорӣ карда шуд. Азбаски ҷорӣ шудани таълими ин фан таҷрибаи тоза буд, дар тули се даҳсола барномаҳои таълими он се маротиба тағйир дода шуд. Дар ибтидои соли 2015, дар партави ҷорӣ намудани барномаи нави таълим ва ташаккули раванди муносибати босалоҳият ба таълим омӯзиши фанни алифбои ниёгон ба синфҳои 7-8 гузаронида шуд (2 соат дар як ҳафта ва 68 соат дар як соли хониш). Чунин тасмим бо якчанд омилҳо, аз ҷумла афзоиши миқдори соатҳои таълимӣ дар ҳафта, сатҳи омодагии хонандагон ба омӯзиш, робитаи ин фан бо адабиёти тоҷик ва ғайра асоснок карда шуд.

Тавре ки муҳаққиқ дуруст қайд кардааст, сарфи назар аз ин навовариҳо, сифати омӯзиши алифбои ниёгон ҳанӯз ҳам мувофики мақсад нест. Дар баробари нарасидани омӯзгорон аз рӯйи ин ихтисос, сатҳи омодагии онҳо низ хеле нигаронкунанда боқӣ мемонад. Яке аз омилҳои муҳимми вазъи ногувор дар ин масъала мавҷуд набудани методологияи муассири таълими алифбои ниёгон дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим аст. Муаллифи диссертатсия таъкид мекунад, ки фанни алифбои ниёгон дар ҳамин шакл танҳо дар Тоҷикистон таълим дода мешавад, он маънои омӯзиши забони дигарро надорад. Илова бар ин, таҷрибаи таълими забони форсӣ дар кишварҳои ҳамсоя (форсӣ дар Эрон ва дарӣ дар Афғонистон) дар шароити Тоҷикистон наметавонад истифода шавад, зеро он дар Тоҷикистон бар пояи алифбои кирилии тоҷикӣ таълим дода мешавад. Дар ҳалли ин масъала танҳо ба таҷрибаи мутахассисони маҳаллӣ такя кардан лозим меояд. Аз ин рӯ, таҳия ва татбиқи усулҳои муассири таълими алифбои ниёгон дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим дар амалияи низоми маорифи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзуи хеле муҳим ба ҳисоб меравад.

Навгонии таҳкики мазкур аз он иборат аст, ки бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи таълим ва омӯзиши фанни Алифбо ва матни ниёгон ҳамаҷониба мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода шудааст. Ҳамзамон сайри таърихии таълими ин фан, сабабҳо ва заминаҳои тағйирот дар барномаҳои таълим муайян гардида, китобҳои дарсии даврахои гуногун мавриди таҳлили муқоисавӣ карор гирифтаанд. Дар заминаи таҳлилу омӯзишҳо ва бо дарназардошти муносибати босалоҳият ба таълим методҳои инноватсионии таълими ҳарфу овозҳо, коидаҳои имло ва тарзи навишти калимаҳои иктибосӣ бо хатти ниёгон дар заминаи муқоисаи онҳо бо кишварҳои хамзабон дар шакли мукаммал, пайдарпайии мантиқӣ ва методӣ таҳия гардидаанд. Дар шароити камбуди миқдори соатҳои таълимӣ (ҳамагӣ 136 соат дар ду соли таҳсил) ва сатҳи нисбатан пасти омодагии касбии омӯзгорони ин фан, муҳаққиқ масъалаи баланд бардоштани сифати таълим ва комёбӣ ба ҳадафҳои таълимро дар дастгирии методии омӯзгорон медонад ва дар ин самт роҳу усулҳои инноватсионии санҷидашударо ба миён мегузорад. Дар зимн, салоҳиятҳои умумӣ ва фаннӣ, робитаи мутакобила ва тарзу усулҳои рушди онҳо дар ҷараёни таълим муайян гардида, нақши таълими алифбои ниёгон барои тарбияи насли наврас дар рухияи пос доштани мероси гаронбаҳои ниёгон, арҷгузорӣ ба намояндагони илму адаб ва ҳифзи арзишҳои миллӣ мушаххас гардидаанд.

Диссертатсия аз пешгуфтор, се боб, хулоса, феҳристи адабиёт ва замимаҳо иборат буда, дар ҳаҷми 177 саҳифаи чопи компютерӣ (А-4) таҳия шудааст. Дар матн 8 ҷадвал ва 3 тасвир истифода шудааст. Феҳристи адабиёт аз 167 номгӯй иборат буда, аз ҷумла, 30 номгӯй аз онҳо бо забони форсӣ ва 6 номгӯй аз онҳо бо забони англисӣ мебошад.

Дар муқаддима муҳиммияти мавзуи таҳқиқот асоснок гардида, проблема, ҳадаф, объект, мавзуъ, фарзия, вазифаҳо, методҳо ва соҳаи он баён ёфтаанд, марҳилаҳои таҳқиқот ва мундариҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар ҳар яке аз онҳо ва заминаҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дарҷ гардида, дараҷаи эътимоднокӣ, навгонии илмии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии он

мушахҳас гардидаанд. Ҳамчунин номгӯйи мулоҳизаҳое, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд ва саҳми шахсии унвонҷӯ матраҳ шудааст.

Дар боби якум, ки "**Таърихи ташаккул ва рушди таълими алифбои ниёгон дар Тоҷикистон**" номгузорӣ шудааст, заминаҳои таърихии эҳёи илми шарқшиносӣ дар Тоҷикистони замони шуравӣ таҳлил ёфта, нақши олимону муаллифони аввалин китобҳои дарсӣ, оид ба масъалаи гузариш ба алифбои ниёгон зикр гардидаанд. Муаллифи диссертатсия мавқеъ ва мақоми устодони забардасти ин соҳа – Мукаррама Қосимова ва Ҳилол Каримовро арҷгузорӣ намуда, саҳми онҳоро дар рушди тарбияи мутахассисони соҳа баланд арзёбӣ намудааст.

Таҳлили таълими фанни Алифбо ва матни ниёгон дар тули сӣ соли даврони истиклол шаҳодат медиҳад, ки дар ин муддати кӯтоҳ се нақша ва барномаи таълимӣ таҳия ва ҷорӣ гардидааст (1994, 2006, 2015).

Ба андешаи муҳаққиқ, сабабҳои асосии тағйир ёфтани барномаи таълими соли 1994 дар соли 2006 чунин будаанд: кофӣ набудани шумораи омӯзгорони тахассусӣ, мавҷуд набудани китобҳои дарсӣ барои ҳамаи синфҳо, номукаммалӣ ва номуназзамии ҷараёни таълим, сифати пасти таълим ва омӯзиш, вазъи мушкили иқтисодии кишвар.

Ҳамчунин, сабабҳои бори дигар таҷдиди назар шудани барномаи таълимро дар соли 2015 муҳаққиқ чунин муайян кардааст: кам шудани миқдори соатҳои таълимӣ (як соат дар як ҳафта), номувофикатии матну қоидаҳои имло ба хусусиятҳои синнусолии хонандагон ва мушкилоти дарки мазмуни онҳо, мавҷуд набудани маводи иловагии таълим, аз ҷумла, маводи методӣ.

Дар натиҷа тасмим гирифта шуд, ки таълими ин фан аз синфҳои 4-7 ба синфҳои 7-8 интиқол дода шуда, ҳафтае ду соати таълимӣ барои омӯзиши он ҷудо карда шавад.

Боби дуюм "**Масъалаҳои умдаи таълими Алифбо ва матни ниёгон бо истифода аз роҳу усулҳои инноватсионӣ**" номгузорӣ шуда, аз се зербоб иборат аст ва ба баррасии масъалаҳои методикаи таълим бахшида шудааст.

Зербоби якум таҳлили таҳкикоти илмии олимони ватанӣ ва хориҷиро оид ба масъалаҳои методикаи таълими забонҳо, пеш аз ҳама, методикаи таълими забонҳо фаро гирифтааст. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки бо вуҷуди ба низоми маорифи Тоҷикистон хос будани таълими фанни Алифбо ва матни ниёгон ва дар асоси алифбои кириллӣ таълим дода шудани он, осори гаронбаҳои илмии ба методикаи таълим бахшидашудаи олимону муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ барои анҷом додани таҳкиқот дар ин самт заминаи хуби назариявӣ буда метавонанд. Аз ин рӯ, коидаву принсипҳои асосии дидактикаро дар таҳияи методҳои инноватсионии таълими Алифбо ва матни ниёгон низ татбиқ кардан мумкин аст.

Дар таҳлили муқоисавии китобҳои дарсӣ муҳаққиқ бештар ба татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим таваҷҷуҳ намуда, навгонихои китобҳои дарсии ҷориро махсус қайд кардааст. Аз ҷумла, китобҳои дарсии ҷорӣ дар низоми маорифи Тоҷикистон ягона китобҳое мебошанд, ки дар онҳо дар баробари низоми анъанавии панҷҳолаи бахогузорӣ низоми садҳолаи арзёбии сатҳи дониш ва салоҳиятҳои хонандагон пешниҳод гардида, аз ҷониби омӯзгорони ин фан мусбат пазируфта шудааст.

Зербоби дуюм таҳти унвони "**Методҳои инноватсионии таълими ҳарфу овозҳо**" ба таҳлили самтҳои гуногуни омӯзиши ҳарфу овозҳо бахшида шудааст. Тавре ки муаллиф қайд мекунад, таҳлили китобҳои дарсии мавҷуда нишонгари онанд, ки дар таълими ин хат принсипи ягона оид ба тартиби омӯзиши ҳарфҳо вуҷуд надорад. Дар таълими ҳарфу овозҳо масъалаҳои зерин асосӣ ба шумор мераванд:

- Таносуби ҳарфҳои муттасила ва мунфасила дар омӯзиши ҳарфҳо;
- Таносуби ҳарфҳои хоси форсӣ ва арабӣ дар омӯзиши алифбо;
- Роҳҳои омӯзиши ҳарфҳои бисёрвазифа;
- Роҳҳои омӯзиши овозҳое, ки бо якчанд ҳарф ифода меёбанд.

Дар натиҷаи таҳлили китобҳои дарсии мавҷуда муаллиф муайян намудааст, ки дар масъалаи пайдарпайии омӯзиши ҳарфҳо дар байни муаллифони китобҳои дарсӣ ду равиш ба назар мерасад: а) омӯзиши ҳарфҳо

новобаста ба муттасила ё мунфасила будани онҳо; б) омӯзиши ҳарфҳои мунфасила дар аввал, ҳарфҳои муттасила пас аз онҳо. Равиши якум ба тартиби ҳарфҳо дар алифбо, ҳамшаклии ҳарфҳо ва ҳарфҳои хоси арабӣ такя мекунад, равиши дуюм принсипи аз сода ба мураккабро ба назар мегирад.

Яке аз мушкилоти таълим ба мавҷуд будани ҳарфҳои бисёрвазифа - "алиф", "вов", "йо", "ҳои ҳавваз" алоқаманд аст. Дар таҳқиқот роҳҳои муассири таълими ҳар яке аз ин ҳарфҳо пешниҳод шудаанд. Дар зимн, принсипҳои асосии таълими ин ҳарфҳо низ ба миён гузошта шудаанд, ки хеле ҷолиб ва илмӣ мебошанд.

Дар зербоби 2.3. "**Методҳои инноватсионии таълими қоидаҳои имло**" қоидаҳои имло ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо шудаанд: 1) қоидаҳои имлои ҳарфу овозҳои ҷудогона ва 2) қоидаҳои имлои сохтории калимаҳо ва ибораҳо.

Гурӯҳи дуюм, ки нисбатан васеъ ва мураккабтар аст, боз ба се зергурӯҳ ҷудо шудааст: қоидаҳои имлои калимаҳо ва ибораҳои форсӣ/тоҷикӣ, қоидаҳои имлои хосси калимаҳои арабӣ, ки асолати худро дар навишти форсӣ/тоҷикӣ нигоҳ доштаанд, қоидаҳои имлои калимаҳои иқтибосии ба истилоҳ русӣ-интернатсионалӣ.

Дар боби сеюм – "**Такмили таълими Алифбо ва матни ниёгон дар заминаи муносибати босалоҳият ба таълим**" дар маҷмуъ, масъалаҳои зерин баррасӣ шудаанд: мавқеи фанни Алифбо ва матни ниёгон дар миёни фанҳои мактабӣ; натиҷаҳои омӯзиши раванди таълими ин фан дар муассисаҳои таълимӣ ва масъалаҳои дастгирии омӯзгорон дар шароити муносибати босалоҳият ба таълим; нақши воситаҳои аёнӣ дар баланд бардоштани сифати таълим; хусусиятҳои татбиқи муносибати босалоҳият дар раванди таълими Алифбо ва матни ниёгон.

Дар таҳқиқот қайд мешавад, ки методҳои таълимие, ки дар кишварҳои ҳамсояи форсизабон (Эрону Афғонистон) истифода мешаванд, дар татбиқи таълими ин фан дар Тоҷикистон қобили қабул нестанд, зеро дар он кишварҳо таълими ин фан ҳамчун забони модарӣ аз соли аввали хониш (синфи якум) ва вобаста ба хусусиятҳои синнусолии кӯдакони 7-сола ба роҳ монда мешавад.

Аз ҷониби дигар, дар меъёри талаффузи тоҷикӣ ва форсӣ тафовутҳои қобили назар ба мушоҳида мерасанд. Тафовути дигари хусусиятҳои таълими ин фан дар он аст, ки он дар муқоиса бо алифбои имрӯзаи кириллӣ омӯзонида мешавад.

Муҳаккик дар натиҷаи гузаронидани озмоишҳо ба хулоса меояд, ки яке аз роҳҳои баланд бардоштани сифати таълим таҳия ва дастраси омӯзгорон намудани маводи аёнӣ аз фанни Алифбо ва матни ниёгон аст. Бо ин мақсад моҳияти маводи аёнӣ аз ин фан таҳқиқ гардида, анвои он аз рӯйи марҳилаҳои омӯзиш гурӯҳбандӣ шуданд: 1) маводи аёнӣ барои зинаи ибтидоии омӯзиш, 2) маводи аёнӣ барои зинаи мобайнии омӯзиш ва 3) маводи аёнӣ барои зинаи пешрафтаи омӯзиш.

Дар диссертатсия сабабҳои асосии паст будани сатҳи дониши хонандагон ва ба талабот ҷавобгӯ набудани омодагии касбии омӯзгорон муайян гардида, барои ҳалли онҳо пешниҳодҳои мушаххас ироа гардидаанд.

Дар маҷмуъ, мутолиаи диссертатсия ва автореферат аз он шаҳодат медиҳад, ки кори диссертатсионии Исматов С. Б. таҳқиқоти мустақилона буда, дар сатҳи хуби илмӣ-амалӣ ва бо забони фаҳмо таҳия гардидааст. Муаллиф дорои дониши хуби назариявӣ оид ба методикаи таълим ва муносибати босалоҳият ба таълим мебошад. Дар баробари муҳиммияти мавзуи таҳқиқ, натиҷаҳои он дорои аҳаммияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ буда, дар баланд бардоштани сатҳи касбияти омӯзгорон ва сифати таълими фанни Алифбо ва матни ниёгон мусоидат хоҳад кард.

Ҳамзамон бо ин, зикри чанд нуктаро барои боз ҳам баланд бардоштани сифати таҳқиқот зарур мешуморем:

1. Дар диссертатсия ҳамаи китобҳои ҷорӣ оид ба таълими хатти ниёгон ва забони форсӣ аз паҳлуҳои гуногун, аз ҷумла, аз нуқтаи назари тартиби омӯзиши ҳарфҳои алифбо таҳлили муқоисавӣ шудаанд. Гуфта мешавад, ки як тарзи он таълими ҳарфҳои мунфасила ва муттасила дар якҷоягӣ (ки бештар анъанавист) ва роҳи дигар таълими ҳарфҳои мунфасила дар аввал ва ҳарфҳои муттасила пас аз

онҳост (ин тарз дар китоби дарсии ҷорӣ барои синфи 7 истифода шудааст). Андешаи худи муҳаққиқ оид ба афзалият ва ё асоснок кардани ин ё он тарзи таълим равшан нест. Маълум нест, ки ӯ принсипи муаллифони китобҳои дарсии ҷориро пурра ҷонибдорӣ мекунад ё не? Ва ба кадом асос?

2. Ҳамагон медонанд, ки қоидаҳои имло ва талаффузи забони муосири тоҷикӣ дар бисёр мавридҳо ба қоидаҳои имлои хатти ниёгон такя мекунад. Шарҳи баъзе нозукиҳои имло ва талаффуз метавонад барои аз байн бурдани норасоиҳои имлои имрӯза кумак кунад. Вале ин гуна масъалаҳои баҳсталаб бояд дар доираи мутахассисон баррасӣ шавад, на ба хонандагон талқин шавад. Масалан, дар боби дуюм қайд шудааст, ки пайвандаки "ва" ва вариантҳои он (-у, -ю, -ву) ҳамеша бо як ҳарфи "вов" навишта мешавад. Табиист, ки "ҳарфи "вов" ҳеҷ гоҳ овози "й"-ро ифода намекунад. Бинобар ин дар забони тоҷикӣ "бобою бибӣ" гуфтан дуруст нест, бояд "бобову бибӣ" гӯем ва нависем (с. 128). Яъне, ба хонандагон пешниҳод мешавад, ки дигар "бобою бибӣ" гуфтан ва навиштан хатост. Оё мо метавонем худсарона (бигзор ин пешниҳод асоси илмӣ дошта бошад!), бе расмият бахшидан ба масъалаи мазкур матраҳ гардад?

3. Таҳлили маводди аёнӣ аз ҷониби муаллифи диссертатсия, ки намунаҳои он дар замимаи кор оварда шудааст, хеле кори муфид ва кумаки амалӣ ба омӯзгорон аст. Бисёр хуб мебуд, агар ин силсилаи маводи аёнӣ ҳарчи зудтар дастраси омӯзгорон гардад.

4. Нихоят. Бо вуҷуди саъю кӯшиши беандоза, ҷо-ҷо хатоҳои техникӣ ва имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо сифати корро бехтар хоҳад кард.

Бояд қайд кард, ки бо вуҷуди зикри ин нуктаҳо диссертатсияи Исматов Сулаймон Бобомуродович дар мавзуи "Методҳои инноватсионии таълими алифбои ниёгон дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим" кори таҳқиқотии анҷомёфта буда, дар сатҳи хуби касбӣ таҳия гардидааст, масъалаҳои мавриди назар ҳалли худро ёфтаанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои диссертатсияи номзадӣ пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи

илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълим ва тарбия (вобаста ба соҳа ва сатҳи таҳсилот), (13.00.02.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) сазовор аст.

Такриз ба диссертатсия ва автореферат аз ҷониби Саидов Ҷамоллидин, номзади илмҳои педагогӣ таҳия шуда, дар ҷаласаи шуъбаи "Адабиёти муосир"-и Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АМИТ, суратмаҷлиси № 9 аз 18 ноябри соли 2022 муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст.

Раиси ҷаласа:
номзади илми филология,
мудири шуъбаи адабиёти муосири
Институти забон ва адабиёти
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ: Беҳрӯзи Забеҳулло
Телефон: (+992) 554 11 68 68

Эксперт:
номзади илмҳои педагогӣ
ходими калони илмии шуъбаи
адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ: Саидов Ҷамолиддин
Телефон: (+992) 93-549-99-98

Котиби илмии ҷаласа:
ассистенти шуъбаи адабиёти муосири
Институти забон ва адабиёти
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ: Шерғозиева Дилрабо
Телефон: (+992) 919 06 75 17

Имзоҳои Беҳрӯзи Забеҳулло, Саидов Ҷамоллидин ва Шерғозиева Дилраборо тасдиқ мекунам:

нозири калони шуъбаи кадрҳои
Институти забон ва адабиёти
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ: Ҳилола Нарзиқулова

Нишонӣ: ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21. Институти забон ва адабиёти
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ, Тел: 2273378; 2277550; 2272426.
www.iza.tarena.tj; iza_rudaki17@mail.ru
«18» ноябри соли 2022.